«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", профессор Қурбонзода М.Р.________
«__» ________соли 2026

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба рисолаи номзадии Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи "Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи "Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" бо қарори Шурои диссертатсионии 6D-КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик (№9 аз 14.04.2026) мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент Мирзоев Ғ.Ш., доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода А., номзадҳои илмҳои таърих Баротов М.Ю., Садриддини А., Абдуллоев Ҷ., Садбарги Исо., Манзураи Ю ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Абдуллоев Ҷовидон омода гардид, иброз менамояд, ки диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ. Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки мубрамии таҳқиқи мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соҳибистиқлолӣ (1991–2021)» аз нақши хоси ин минтақа дар равандҳои таърихии даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз минтақаҳои сернуфус ва аз ҷиҳати сиёсиву иҷтимоӣ фаъол, дар солҳои гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ ва дар шароити буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои 1990-ум мавқеи муҳим ишғол намуд.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон ба омӯзиши масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф Шодизода Саодат Исломхон, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ муаррифӣ намояд. Муаллиф ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолиро дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон шарҳ дода, хулосаҳои худро

пешниҳод намудааст. Муаллиф якчанд пешниҳодро ҷиҳати истифодаи назариявию амалии натиҷаи таҳқиқ овардааст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда. Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия дар таърихнигории ватанӣ бори нахуст ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) таҳқиқ гардидааст..

Саҳеҳии натиҷаҳо ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд метавонанд дар ҷараёни таълими курсҳои дахлдор ва курсҳои махсус аз фанни таърих дар муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд. Таҳлили анҷомгирифтаро метавон як навъ намунаи таҳқиқоти соҳавӣ роҷеъ ба масъалаҳои таърих дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин истифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла усулҳои таҳлили илмӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-масъалагузорӣ, ҷуғрофӣ-хронологӣ, солномавӣ–масъалагузорӣ, воқеънигорӣ, бетарафӣ ва ғайра дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ бармеоянд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ. Саҳми шахсии унвонҷӯ – Шодизода Саодат Исломхон дар интихоби мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, пажӯҳиш, таҳлил, баррасӣ ва бадаст овардани натиҷаҳои илмӣ инъикос меёбад. Тамоми натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ натиҷаи пажӯҳиш, омӯзиш ва баррасии мустақилонаи мавзуи мазкур аз таърифи муаллифи диссертатсия мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада аз дараҷаи баланди дониш ва қобилияти таҳлилӣ доштани муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Диссертант 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи "Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ) кори илмии ба итмом расида маҳсуб ёфта, мутобиқ ба бандҳои дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба расмият даровардa шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дар ҳаҷми 196 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шуда, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (245 номгӯй) иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – “Ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали замони соҳибистиқлолӣ» аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал «Оғози дигаргуниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI» мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт. Муайян мегардад, ки минтақаи Кӯлоб яке аз қисматҳои вилояти Хатлон маҳсуб ёфта, дар гузашта бо номи вилояти Кӯлоб маълуму машҳур буд. Дар зербоби 2-юми боби якум «Тадбирҳои муҳимми сиёсии марҳалаи аввали замони истиқлолият ва ба арсаи сиёсат ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон - рӯйдодҳои бузурги таърихӣ-сиёсӣ» баррасӣ гардида, дар он муҳаққиқ аз рӯзҳои фоҷиабори давраи оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва махсусан минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ёдовар мегардад, ки дар ҳолати ниҳоят ногувор қарор дошт.

Боби дуюми диссертатсия – “Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ (солҳои 1991-2021)“ аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якуми боби 2-юм -“Пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳо дар шароити нави иқтисоди бозорӣ» муҳаққиқ нишон медиҳад, ки вазъи иқтисодии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали давраи соҳибистиқлолӣ бар асари нодида гирифтани сиёсати бюрократии замони шуравӣ, ки ба масъалаи рушд ва инкишофи иқтисодиёти ин минтақа аҳаммияти зарурӣ зоҳир намегардид, инчунин таъсири ногувори ҷанги шаҳрвандӣ, оқибатҳои харобиовари он, канда гардидани ҳама муносибатҳои байниякдигарии корхонаҳои истеҳсолӣ баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, мушкилоти норасоии ашёи хом, қувваи барқ, мутахассисони касбӣ, бетаҷрибагии менеҷменти идоракунӣ дар шароити нави иқтисоди бозорӣ ва дигар омилҳо аз минтақаҳои дигари Тоҷикистон ақиб мемонд. Дар зербоби дуюми боби 2-юм - “Тағйирот дар ҳаёти аграрӣ» диссертант

муътақид ба он андеша мебошад, ки масъалаи аграрӣ ба мисли соҳаи саноат ҳамеша дар қатори вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодии инкишофи давлат ва ҷомеа ҷойгоҳи хосаро ишғол намуда, манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти озуқа ва ашёи хоми саноатӣ ба шумор рафта, воситаи боэътимоди таъмини истиқлолияти озуқавории кишвар ва беҳдошти вазъи иҷтимоӣ- иқтисодии аҳолии кишвар маҳсуб меёбад.

Боби сеюми диссертатсия – "Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ" аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби сеюм – «Тағйирот ва комёбиҳо дар соҳаи маорифи халқ» масоили мушкилот, тағйирот, рушд ва комёбиҳои соҳаи маориф мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюми боби сеюм – «Хизмати тиббии аҳолӣ ва инкишофи соҳаи тандурустӣ» масоили алоқаманд ба соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби сеюми боби сеюм – «Муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар шароити нав» масоили алоқаманд ба нақш ва мақоми муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.- Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. –Таърихи ватанӣ) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Шодизода Саодат Исломхон ба ихтисоси

илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. –Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Омилҳои буҳрони иҷтимоиву иқтисодии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои аввали Истиқлолият пура муайян ва шарҳ дода нашудаанд.
2. Ҳолати муассисаҳои маданӣ - равшаннамоӣ ва рушди фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ бояд боз ҳам комилтар нишон дода мешуд.
3. Диссертатсия аз баъзе камбудиҳо ва норасоиҳои хислати услубӣ, таҳлилӣ, таҳрирӣ, чопӣ ва техникӣ дошта орӣ нест.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳо ва норасоиҳои дар боло қайдшуда хусусияти усулӣ (принсипиалӣ) надоранд ва онҳо ислоҳпазир буда, аҳаммият ва арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд. Ҳар як муаллиф, муҳаққиқ барои озодона баён кардани мавқеъ, андеша ва хулосаҳои худ ҳуқуқ дорад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии корро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои таърих Абдуллоев Ҷовидон тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (протоколи №9 аз 14 апрели соли 2026) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 16 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раисикунанда,** мудири кафедраи
таърихи халқи тоҷики факултети
таърих ва ҳуқуқи МДТ "Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав, н.и.т. Мирзоев Ғ.Ш.

**Ташхисгар**, н.и.т. Абдуллоев Ҷ.Ф.

**Котиби ҷаласа** Қурбонова М.С.

Имзои Мирзоев Ғ.Ш., Абдуллоев Ҷ.
ва Қурбонова М-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав» Нажмидинов М.М

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail. Ru

«17» 04 соли 2026